# ДАЪВАТНОМА

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 7 Феврал, 2023 - 08:00

Муҳтарам намояндагони ВАО ва ҳамкасбони гиромӣ!

Аз ҳамкориҳои судманди Шумо ҷиҳати дастгирӣ ва тарғиби самти забони давлатӣ изҳори сипос ва миннатдорӣ намуда, ҳамзамон, иттилоъ медиҳем, ки тибқи Нақшаи ташкил ва гузаронидани нишастҳои матбуотӣ дар вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи

ҷумҳурӣ оид ба ҷамъбасти соли 2022 мутобиқи амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми марти соли 2005, №АП-1677 дар маҷлисгоҳи Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» (ш. Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25) нишасти матбуотии Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 9-уми феврали соли 2023, соати 09:00 баргузор мегардад.

Вобаста ба ин, аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки ҷиҳати инъикоси нишасти матбуотии Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамудед.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** 4

Баҳои миёна: 3.7 (3 овоз)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [1]
- Эълонҳо [2]

**Манбаъ::**http://istilohot.tj/tg/content/davatnoma?mini=2025-08

**Пайвандҳо**
[1] http://istilohot.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [2] http://istilohot.tj/tg/category/%D1%8D%D1%8A%D0%BB%D0%BE%D0%BD%D2%B3%D0%BE